**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**__________________Сафарзода Д.Ҷ.**
**«___» ____________________2025 с.**

## ПРОТОКОЛИ №3

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

30.10.2025 №3 ш. Душанбе

**Раис:** н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.
**Котиб:** коргузор-мутахассиси кафедра Мардонзода М.М.

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю., омӯзгорони кафедра – д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И., д.и.ҳ., Раупова М.Т., н.и.ҳ., дотсент Каримов А.Қ., н.и.ҳ., Каримов Ҳ.М., н.и.ҳ., Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ., Изатуллозода П.Н., н.и.ҳ, дотсент Олимзода Д.А., ассистентони кафедра Ҳукматуллоев М.А., Зарипов А.Ҳ., Холинов Д.М., Холов М.Д., Давлатов С.Н., Исломзода И.И. ва коргузори кафедра Мардонзода М.М.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки инсоният дар охири асри XX зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ва объективию субъективӣ таърихи ояндаи худро бо роҳҳои мураккаб ва пурпечутоб, бо ном «омилҳои давлати демократӣ» сохтанӣ мешуданд, ки дар асл ноустувории худро дар назди воқеият эҳсос намуда, ба душвориҳои нави ҷаҳонишавӣ, интиқоли иҷбории ҳуқуқу озодиҳо, интиқол ва таҳияи инқилобҳои сохта, афзоиши таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ, ба монанди савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, ярок, афзоиши экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ шуд.

Тоҷикистон низ баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҳадафи лоиҳаҳои низоъангези давлатҳои абарқудрат гашт, ки нияти дар Тоҷикистон барпо намудани давлати исломӣ ва ба сари қудрат овардани гумроҳону хоинони миллатро доштанд. Миллати тоҷик имконият пайдо намуд, ки дар сарҳади бархурди режимҳои сохтаи исломию дунявӣ, дар ҳавзаи мунокишаҳои манфиатҳои миллӣ, дар майдони муборизаҳои мазҳаби истиқлолияти худро эълон намуд. 27 июни соли 1997 бо кӯшишҳои чандинсола, шабзиндадориҳо ва сарварии оқилонаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Маскав ба имзо расид.

Расидан ба ин сулҳи тақдирсози миллати тоҷик роҳи басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд, ки ин санаи таърихии миллати тоҷикро Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии ҶТ ба оғози фаъолияти сулҳофаронаи Раиси нави тозаинтихоибшудаи Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ибтидо гузошт ва аввалин ироаи савганди мардонагии ин шахсияти худодод аз калимаи «Ман ба Шумо сулҳ меоварам» оғоз ёфт, ки ин родмарди ватандӯст тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои қатъ намудани ҷанг, таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Кӯшишҳои панҷсолаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш ва таҳлилҳои асосонокунии ин санади таърихӣ аз лиҳози илмӣ ва муайян намудани тақдири ояндаи давлати тоҷикон, якпорчагии миллат, дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки

Эмомалӣ Раҳмон миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард, ба савганди худ лоиқ шуда, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонид, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи аҳдномаи миллӣ кӯшиш намуданд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро азнавсозӣ намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро дар хатар монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низои хонумонсуз хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуд. Иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фишори хоинона ва душманонаи бадхоҳони миллат шикаст нахурд ва ӯ тавонист бо ҷасорату далерии худ ба ҷанги бародаркуш хотима бахшида, сулҳу суботро ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин намояд. Бешубҳа, сулҳе, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик овард, кафили истиқлолият ва рушди устувори давлатдории навини тоҷикон гашт.

Пешвои муаззами миллат дар яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид намуданд: - Замона бо гузашти ҳодисот, вақт бо мубориазаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақти ва дуруст буд. Кунун Тоҷикистон 30-ум баҳори истиқлоли худро паси сар мекунад ва корҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба сомон расидаанд.

Бинобар ин, мактаби ҳуқуқии сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои ҳуқуқӣ-демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И., н.и.ҳ., дотсент Каримов А.Қ. ва н.и.ҳ., дотсент Каримов Ҳ. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Зуҳурзода Ш.Д. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Раупова М.Т., н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш. ва н.и.ҳ., дотсент Олимзода Д.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 8 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои

миллат Эмомалӣ Раҳмон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 30.10.2025, суратҷаласаи №3 қабул карда шудааст.

Иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раисикунанда:**
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

**Котиби ҷаласа: мутахассис-**коргузор: Мардонзода М.М.

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю. ва Мардонзода М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«30» октябр 2025 сол.